

# ҲИСОБОТИ СОЛОНА

# 2021

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕЙ**

**www.idif.tj**

## ХАЗИНА

Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд дар ҳисобот Хазина) бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ дар асоси қарори муассисон соли 2004 ҳамчун “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, Хазина вориси ҳуқуқии “Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ” гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳо, молу мулк ва кафолатҳои онро ба зимма гирифт.

Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти Хазина бо Қонуни болозикр танзим карда шуда, мутобиқи он мақсади асосии Хазина ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Қонуни мазкур ба андозаи муайян суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина кафолат медиҳад.

Бахри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро танзим менамояд, ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад, феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро омода менамояд, пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд, бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад. Ғайр аз ин, тибқи Қонун ваколатҳои Хазина иштироки онро дар раванди батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд.

Хазина дар раванди фаъолияти корӣ принсипҳои ҳатмӣ будани узвияти ташкилотҳои қарзӣ, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ доранд, таъмини шаффофият ва масъулияти молиявиро асос мекунад.

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул аст, Шӯрои нозирони он мебошад.

## Нишондиҳандаҳои асосии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар соли 2021 (тағйирот нисбат ба с.2020)

**29** адад
(6 адад коҳиш)
**Ташкилотҳои қарзӣ узви Хазина**

**3 315** млн. сомонӣ
(3,9% коҳиш)
**Пасандозҳои суғурташуда**

**5** ҳолат
**Ҳолатҳои суғуртавӣ**

**208** млн. сомонӣ
**Пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон**

**816,3** ҳаз. нафар
(1,7 мар. афзоиш)
**Пасандоздорони суғурташуда**

**97,7%**
**Ҳиссаи пасандоздорони маблағашон пурра суғурташуда**

**134** млн. сомонӣ
(-2,3 мар. коҳиш)
**Дороиҳои Хазина**

**1 350** млн. сомонӣ
(12,3% афзоиш)
**Ухдадории суғуртавии Хазина**

**9,9%**
(-15,9 банди % коҳиш)
**Дороиҳо /ухдадории суғуртавии Хазина**

**2,5%**
(-3,4 банди % коҳиш)
**Дороиҳо / андозаи ниҳоии маблағи Хазина**

# ҲИСОБОТИ СОЛОНАИ ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ БАРОИ СОЛИ 2021

**Душанбе – 2021**

# МУНДАРИҶА

**ИХТИСОРАҲО.....................................................................................................5**

**МУҚАДДИМА......................................................................................................6**

**1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ.....................................................................................8**

1.1. Бахши макроиқтисодӣ..........................................................................8
1.2. Бахши низоми бонкӣ............................................................................13
1.3. Қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ...........................................................17

**2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲО ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН...........................................................21**

2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.. ..........................................................22
2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта...........................................................24
2.3. Суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина........................31
2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина.................41
2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина ..........................................42

**3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА................................44**

3.1. Фаъолияти сиёсати сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо...................44
3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ................................46
3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа.................................................48
3.4. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина...................................................52
3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ.........................................................................53

**4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА..............................................................55**

**ЗАМИМАҲО.........................................................................................................59**

# ИХТИСОРАҲО

**АБСП (IADI) –** Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ –** Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР –** Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР –** Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия -** Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА –** Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)-** Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун –** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ"

**ММД –** Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**Ташкилоти қарзии узви Хазина -** Ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ТАҚХ –** Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ –** Ташкилоти қарзӣ

**ТҚМ –** Ташкилотҳои қарзии молиявӣ

**Хазина –** Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ХБА –** Хазинаи байналмилалии асъор

**Шӯрои нозирон -** Шӯрои нозирони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

**ҶДММ –** Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд

**ҶСК –** Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП –** Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**COVID-19 –** Бемории сироятии коронавирусӣ

## МУҚАДДИМА

Дар соли 2021 раванди рушди устувори иқтисодӣ ва низоми молиявии кишвар бо нишондиҳандаҳои асосии он мушоҳида гардид. Ба ин, аз як тараф мунтазам барқарорёбии маҷмӯи талаботи дохилӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ, аз тарафи дигар андешидани чораҳои зиддибуҳронӣ ҷиҳати рафъи оқибатҳои пандемияи COVID, бахусус гузаронидани ваксинатсияи аҳолӣ бевосита мусоидат намуд.

Дар баробари ин, татбиқи сиёсати пайгиронаи иқтисодӣ ва идоракунии хавфҳои макроиқтисодию молиявӣ, аз ҷумла дар бахши фискалӣ нигоҳдории касри буҷет ва қарзи давлатӣ дар доираи нишондиҳандаҳои нисбатан муътадил, дар бахши монетарӣ таассури мусбати сиёсати монетарӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафи муайяншудаи таваррум, таъмини тағйирёбии муътадили қурби пули миллӣ ва захираҳои байналмилалӣ боиси барқарорёбии рушди иқтисод гардид.

Аммо, бо вуҷуди беҳтар гардидани вазъи постпандемии иқтисодиёти ҷаҳон, дар соли 2021 бадшавии “шароити савдои беруна[1]” вобаста ба афзоиши нархи воридотии маҳсулоти сӯзишворӣ ва озуқа дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин номуайянӣ вобаста ба мавҷҳои нави пандемия аз омилҳои манфии ба фарогирии рушд, сатҳи таваррум ва хароҷотҳои бахшҳои истеъмолию истеҳсолӣ таъсиррасон арзёбӣ гардиданд.

Дар соли ҳисоботӣ вазъи низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои асосии молиявии он тамоюли мусбати худро идома дода, дар устувории меъёрҳои сармоя, пардохтпазирӣ ва сифати дороиҳо инъикос ёфт. Ҳамзамон, ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ, алалхусус ба бахши хусусӣ афзоиши назаррасро нишон дода, ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ бошад, сарфи назар аз кам шудани теъдоди ташкилотҳои қарзӣ устувор боқӣ монд.

Бонкҳои собиқ низомсози мушкилотдор[2], бинобар беҳ нагардидан ва торафт бад шудани вазъи молиявиашон барҳам дода шуда, дар онҳо

[11] Ба истилоҳ англисӣ: *Terms of trade*

[2] *Аз ҷумла, ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”*

ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омад. Бояд қайд намуд, ки чораҳои дар самти солимгардонии бонкҳои мазкур андешидашуда натиҷабахш нагардида, барҳамдиҳии онҳо чораи ногузир буд, зеро оқибатҳои идомаёбии номуайянӣ ва мушкилии бонкҳои муаммодор пайваста ба вазъи низоми бонкию молиявӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, инчунин ба эътимоднокии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири манфии худро мерасонид.

Хазина фаъолияти худро дар соли 2021 ҷиҳати таъмини ваколатҳои вогузоршуда бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ гашт. Дар ин раванд, баҳри иҷрои вазифаҳои асосии худ Хазина тадбирҳоро дар самти танзими босамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ идома дод. Дар натиҷаи ба вуқуъ омадани ҳолатҳои калони суғуртавӣ дар бонкҳои мушкилотдор, ки ҳиссаи назарраси пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ба онҳо рост меомад, қисми зиёди маблағҳои Хазина барои иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ равона карда шуда, пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда саривақт ва ба пуррагӣ таъмин гардид, ки ин барои нигоҳдории суботи молиявии низоми бонкӣ саҳми бевоситаи худро гузошт.

Омилҳои болозикр ба фаъолияти молиявии Хазина бетаъсир намонд ва дороиҳои он ба андозаи назаррас коҳиш ёфтанд. Новобаста аз ин, ҷиҳати дар давраи дарозмуҳлат мусоидат намудан барои таъмини устувории молиявӣ ва иҷрои босамари ваколатҳои он, инчунин такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ, аз ҷониби Хазина дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдор як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2021 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» омода гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳисоботи молиявии Хазинаро дар бар мегирад.

# 1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛИ 2021

Вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ ҳамчун омилҳои ба тамоюли рушди низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъсиррасон, арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, Хазина раванди таъсири хавфҳо ва омилҳои дохилию беруниро ба устувории макроиқтисодии кишвар, вазъи низоми молиявию бонкӣ ва низоми суғуртаи пасандозҳоро бо дарназардошти таъмини фаъолияти муназзами Хазина пайваста мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор медиҳад.

## 1.1. Бахши макроиқтисодӣ

Дар соли 2021 иқтисодиёти кишвар босуръат рушд ёфта, бо сатҳи баландтар аз нишондиҳандаҳои интизоршаванда[3] ҷамъбаст ёфт.

Тибқи маълумотҳои фаврии Агентии омори назди Президенти ҶТ дар соли сипаришуда рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 9,2 фоизро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 4,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

**Афзоиши ММД ва рушди воқеии он** (манбаъ: Агентии омор)




[3] *Нигаред ба: Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҶТ барои с.2022-2024*

Рушди назарраси ММД-и воқеӣ дар баробари қисман доштани таъсири “эффекти базавӣ” асосан аз ҳисоби тадриҷан барқарорёбии сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва унсури талаботи иқтисодӣ, бахусус талаботи истеъмолии аҳолӣ вобаста ба бартараф шудани шадидияти пандемияи коронавирус ва маҳдудиятҳои ба он алоқаманд, инчунин афзоиши вуруди трансфертҳои фаромарзӣ ва хароҷоту сармоягузориҳои бахши давлатӣ ба вуқуъ омадааст. Аз рӯи усули истеҳсолӣ рушд дар ҳамаи бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат (22,0 фоиз), кишоварзӣ (6,6 фоиз), сохтмон (23,3 фоиз) ва хизматрасонӣ (7,9 фоиз) ба қайд гирифта шуд.

Дар навбати худ, омилҳои таъсири кӯтоҳмуддат дошта, аз қабили шокҳои экзогении бо болоравии нархҳои воридотии маводи сӯзишворӣ ва ғизоӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва хавфҳои марбут ба мавҷҳои нави бемориҳои сироятӣ вобаста, пайваста саҳми манфии худро ба сатҳу сифати фаъолнокии иқтисодӣ гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити маҳдуд будани рушди маҳсулнокии маҷмӯи омилҳои истеҳсолӣ[4], сатҳи пасти сармоягузориҳо дар бахши хусусӣ, миёнаравии молиявӣ ва дигар омилҳои институтсионалию технологии ба рушд монеакунанда, ки дар Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 муайян ва дарҷ гардидаанд, барои истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи дарозмуҳлат имконияти пурра намедиҳад. Амалӣ намудани ислоҳотҳои сохторӣ ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои садди рушди маҳсулнокию сармоягузорӣ истода ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувори дарозмуддат яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодӣ боқӣ мемонад.

Дар соли 2021 вазъи тавозуни савдои кишвар бо мамлакатҳои хориҷӣ нисбатан заифтар шуда, ба зиёдшавии касри он дар қиёс ба соли 2020 ба андозаи 18,1 фоиз мусоидат намуд. Аз ҷумла, ҳаҷми воридот нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 33,6 афзоиш ёфт,ки ба он афзоиши сатҳи талаботи дохилӣ ва устувории намояи қурби самараноки воқеӣ аз

[4] *Total factor productivity (TFP)*

як тараф ва болоравии сатҳи нархҳои воридотӣ аз тарафи дигар мусоидат кард. Ҳаҷми содирот бошад монанди соли қаблӣ аз ҳисоби содироти сангу металҳои қиматбаҳо ва гирифтани манфиати иқтисодӣ аз баланд будани нархи он дар бозорҳои ҷаҳонӣ афзоиши назарраси 52,8 фоизро нишон дод.

**Гардиши савдои хориҷӣ, бо млрд. долл. ИМА**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Тавре зикр гардида буд дар соли 2021 тамоюли болоравии намояи нархҳои ҷаҳонии маводҳои озуқаворӣ ва сӯзишворӣ, ки аз ниммаи дуюми соли 2020 суръат гирифта буд, идома ёфт. Илова ба раванди мазкур, вайроншавии мувозинатии талаботу таклифоти ҷаҳонӣ, аз ҷумла болоравии маҷмӯи талабот зери таъсири сиёсати ҳавасмандонаи зиддибуҳронии монетарӣ ва омили пешниҳодот бинобар косташавии занҷираҳои тақсимотию таъминотии ҷаҳонӣ[5] ҳамчун "эффекти постпандемӣ" ба пайдоиши силсилаи (сикли) таваррумӣ дар саросари кишварҳои ҷаҳон ва шарикони савдои минтақа оварда расонид.

Масалан, дар соли 2021 таваррум дар иқтисодиёти бузургтарини ҷаҳон – ИМА дар 40 сол аввалин маротиба дар сатҳи баландтарини 7

[5] *Global Supply Chains*

фоиз ҷамъбаст ёфт. Агар ба оянда миёнамуҳлат нигарем, вазъи мазкур пайомадҳои таъсирбахши худро ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ба монанди афзудани хавфҳои бозорию қурбиро дорад.

**Тағйирёбии намояи нархҳои ҷаҳонии ашёи хом**
**(манбаъ: Бонки ҷаҳонӣ - Commodity Markets Data)**




Бо дарназардошти ҳассосияти бозори дохилӣ аз нархи маҳсулоти воридотӣ омилҳои таваррумии мазкур боиси дар сатҳи баланд боқӣ мондани фишорҳои таваррумӣ ва зиёд шудани хароҷотҳои истеҳсолию логистикӣ дар дохили кишвар гардид.

Дар интиҳои соли 2021 сатҳи таваррумӣ солона 8,0 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли гузашта 1,4 фоиз камтар аст. Тавре нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, раванди таваррум сеюм сол пайдарҳам дар сатҳи нисбатан баландтар аз тамоюли дарозмуддати худ боқӣ мемонад.

Дар таваррумӣ бавуқуъомада болоравии нархи маводи сӯзишворӣ (66 фоиз), хизматрасонии нақлиёти мусофиркаши автомобилӣ (26 фоиз), сабзавот (24 фоиз), равғанҳои ғизоӣ (21 фоиз), гӯшт (15 фоиз), хизматрасонии коммуналӣ (14 фоиз) ва орд (8 фоиз), яъне он маҳсулоту хизматрасониҳои аввалиндараҷае, ки ба онҳо ҳиссаи асосии хароҷотҳои қисми зиёди аҳолӣ рост меояд, мушоҳида гардид.

Бояд қайд кард, ки ҳолати мазкур ба қобилияти харидорӣ ва сатҳу сифати будубоши аҳолӣ сарбории зиёд ба миён меоварад, махсусан ба

он қишрҳои аҳолие, ки камтарин қобилияти ҷуброн намудани харҷотҳои афзударо ба молҳои ниёзи аввала доранд.

**Тағйирёбии сатҳи таваррум ва саҳми сохтории он, бо фоиз**
**(манбаъ: Агентии омор)**




Вобаста ба афзоиши фишорҳои таваррумӣ, дар соли сипаришуда монанди дигар бонкҳои маркази кишварҳои ҷаҳон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани таъсири омили монетарӣ сиёсати қатъӣ татбиқ гашта, сатҳи меъёри бозтамвил аз 10,75 то 13,25 фоиз зиёд карда шуд. Меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ бошад дар сатҳи аз 1 то 3 фоиз барои уҳдадориҳо бо пули миллӣ ва аз 5 то 9 фоиз бо асъори хориҷӣ баланд карда шуданд. Инчунин, дар ниммаи аввали соли ҳисоботӣ ҷиҳати таъмини бозори асъор ва коҳиш додани фишорҳои кӯтоҳмуддати қурбӣ мудохилаҳои асъорӣ анҷом дода шуд.

Сиёсати болозикр бо дарназардошти мувозинатии намояи қурби самараноки воқеӣ, афзоиши пардохтҳои расмии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ (қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо), захираҳои умумии байналмилалӣ ва воруди интиқолҳои пулии фаромарзӣ ба кишвар, имконияти нигоҳдории устувории қурби сомониро фароҳам овард, ки дар натиҷа қурби расмии номиналии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар соли ҳисоботӣ бетағйир монд.

**Тағйирёбии қурби сомонӣ нисбат ба долл. ИМА** (манбаъ: БМТ)




## 1.2. Бахши низоми бонкӣ

Дар соли ҳисоботӣ бо тадриҷан барқароршавии фаъолнокии иқтисодӣ вазъи суботи молиявии низоми бонкии кишвар дар маҷмуъ нисбатан муътадил буд. Мушкилии асосии низоми бонкӣ, ки тӯли шаш соли охир таъсири манфии худро ба устувории вазъи низом мерасонид, бо ҳолати ғайриқаноатбахши молиявии ду бонки собиқ низомсози мушкилотдор алоқамандӣ дошт. Бо назардошти намондани чораҳои ҳалли мувофиқи вазъи бонкҳои мазкур, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон моҳи майи соли 2021 иҷозатномаи ин бонкҳо бозхонд карда шуд ва онҳо бо қарори Суди олии иқтисодии ҶТ муфлис эълон карда шуданд.

Чораи андешидашудаи мазкур дар маҷмуъ мусбӣ арзёбӣ гардида, он барои тозакунии минбаъади тавозуни низоми бонкӣ аз амалиётҳои ғайрифаъол ва дар давраи миёнамуҳлат барқарор намудани эътимоднокии низоми бонкӣ бо дарназардошти аз ҷониби мудирони махсуси бонкҳои барҳамдодашуда ба таври шаффофу самаранок анҷом додани мурофиаи муфлисшавӣ, мусоидат хоҳад кард.

Бояд қайд кард, ки қариб ҳамаи нишондиҳандаҳои тавозунии низоми бонкӣ бинобар аз низом хориҷ шудани бонкҳои мушкилотдор

(ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) афзоиши манфӣ доштанд[6].

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли ҳисоботӣ 22,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 14,8 фоиз коҳиш ёфтанд. Уҳдадориҳо ва сармояи тавозунии онҳо бошад мувофиқан 17,3 млрд. сомонӣ ва 5,1 млрд. сомониро ташил дода, нисбат ба соли гузашта уҳдадориҳо 9,4 фоиз ва сармоя 29,3 фоиз кам шуданд. Тавре зикр гардид, ба раванди мазкур аксаран бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор таъсир расонид.

**Дороиҳо ва уҳдадориҳои ТҚМ, млрд. сомонӣ, афзоиш бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Дар соли ҳисоботӣ қобилияти бонкҳои алоҳида барои зиёд намудани даромаднокии худ нисбатан суст гардид, ки дар натиҷа ин дар афзоиши камтари даромаднокии умумии дороиҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзӣ инъикос гардид.

**Дар навбати худ, низоми бонкӣ аз лиҳози сармоякунонӣ ва пардохтпазирӣ ба қадри кофӣ устувор мебошад.** Меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирии аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз талаботи ҳадди аққал барзиёд ҷамъбаст ёфтанд. Меъёри

[6] *Барои таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои соли 2021 онҳоро мебояд бо нишондиҳандаҳои соли қаблӣ бе назардошти бонкҳои мушкилотдор бинобар дар вазъи баста қарор доштани онҳо, муқоиса намуд. Хазина бинобар дастрас набудани маълумоти алоҳида аз рӯи бонкҳо имконияти гузаронидани чунин таҳлилҳоро надорад.*

кифоятии сармоя 23,9 фоиз (талаботи меъёрӣ 12 фоиз) ва меъёри пардохтпазирӣ 91,8 фоиз (талаботи меъёрӣ 30 фоиз)-ро ташкил дод.

**Нишондиҳандаҳои устувории молиявии ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)**




Вобаста ба бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор дар соли ҳисоботӣ қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта, дар маҷмуъ сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар сатҳи нисбатан баланд қарор дошт. Дар сандуқи қарзӣ ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол (қарзҳои зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 1,6 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 36,9 фоиз кам шуданд. Дар баробари ин, ҳамчун омили мусбӣ ҳиссаи онҳо дар сандуқи қарзӣ кам гардида 13,4 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли қаблӣ 23,4 фоиз буд.

Дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ташкил дода шудааст, ба андозаи 2,3 банди фоизӣ афзуда, 92,5 фоизи ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъолро ташкил дод.

### Тағйирёбии қарзҳои ғайрифаъоли ТҚМ, бо фоиз (манбаъ: БМТ)




Бояд қайд намуд, ки ҳассосияти тавозуни ташкилотҳои қарзӣ ба хавфҳои асъорӣ, бо вуҷуди тадриҷан кам шудани сатҳи долларишавии он мушоҳида гардида, вобастагии қарзҳои ғайрифаъол бо тағйирёбиҳои қурбӣ дида мешавад. Аз ҷумла, дар сохтори сандуқи қарзӣ 32,9 фоизи қарзҳо ба қарзҳои асъорӣ рост омада (42,2 фоиз дар соли 2020), аз бақияи умумии қарзҳои ғайрифаъол бошад дар доираи 80 фоиз ба қарзҳои асъорӣ рост меояд.

Дар соли ҳисоботӣ афзоиши сифатӣ дар сатҳи миёнаравии молиявӣ ё фарогирии молиявӣ мушоҳида нагардид. Нишондиҳандаҳои миёнаравии молиявӣ, ба монанди дороиҳо ва ухдадориҳо нисбат ба ММД раванди рӯ ба поёнравӣ дошта, ҷумҳурӣ ҳоло ҳам аз рӯи саҳми ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар рушди иқтисодиёт яке аз зинаҳои охиринро дар байни кишварҳои рӯ ба инкишоф ишғол менамояд.

### Сатҳи миёнаравии молиявӣ, бо фоиз нисбат ба ММД (манбаъ: БМТ)



## 1.3. Қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо аз ҷониби ТҚМ

Дар соли ҳисоботӣ фаъолияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар доираи нишондиҳандаҳои муътадил идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 12,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба андозаи 10,0 фоиз асосан аз ҳисоби қарзҳо ба шахсони воқеӣ афзуд.

Дар сохтори сандуқи қарзӣ бақияи қарзҳои бо пули миллӣ додашуда 8,0 млрд. сомонӣ ё худ 67,0 фоизро ташкил дода, афзоиши солонаи он 27,4 фоизро ташкил дод. Бақияи қарзҳои бо асъори хориҷӣ додашуда бошад 4,0 млрд. сомонӣ ё худ 33,0 фоизро ташкил дода, 13,8 фоиз коҳиш ёфт. Зикр намудан бамаврид аст, ки раванди коҳишёбии бақияи қарзҳои асъорӣ асосан бо сиёсати дедолларикунонии низоми бонкӣ ва барҳамдиҳии бонкҳои мушкилотдор, ки қисми зиёди дороиҳои онҳо бо асъори хориҷӣ буд, инчунин бо устувории қурби сомонӣ алоқамандӣ дорад.

**Тағйирёбии бақияи қарзҳо, млрд. сомонӣ**
(манбаъ: БМТ)




**Суръати афзоиши солонаи қарзҳо, бо фоиз**
(манбаъ: БМТ)




Дар соли 2021 тамоюли афзоиши ҷалби пасандозҳо аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ, ки дар соли қаблӣ мушоҳида гардида буд, нисбатан суст гардид. Бақияи умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ дар интиҳои соли сипаришуда 10,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ ба андозаи 11,0 фоиз камтар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки коҳишёбии ҳаҷми пасандозҳо асосан дар натиҷаи кам шудани амонатҳои дархостшавандаи бахши

корпоративӣ (шахсони ҳуқуқӣ) ва амонатҳои бахши давлатӣ ба вуқуъ омадааст. Ҳамзамон, коҳиш ёфтани ҳаҷми амонатҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ, ки дар соли сипаришуда дар натиҷаи бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор мушоҳида гардид, инчунин суст шудани қобилияти амонатгузории аҳолӣ бинобар афзоиши сатҳи хароҷотҳо нисбат ба даромадҳои онҳо низ таъсири худро ба раванди болозикр расонид.

Дар сохтори умумии пасандозҳо бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ мувофиқан 5,6 млрд. сомонӣ ва 4,5 млрд. сомониро ташкил дода, коҳишёбии онҳо мутаносибан бо пули миллӣ 11,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 10,4 фоиз ташкил дод. Ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 55,5 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳо ва бо асъори хориҷӣ бошад 44,4 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳоро ташкил дод.

**Тағйирёбии бақияи пасандозҳо, млрд. сомонӣ** (манбаъ: БМТ)




**Суръати афзоиши солонаи пасандозҳо, бо фоиз** (манбаъ: БМТ)




Дар сохтори пасандозҳо аз рӯи моликият ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ бо вуҷуди коҳишёбии амонатҳои асъории онҳо раванди афзоиши нисбатан муътадилро нишон дод. Ҳаҷми бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ 5,4 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 0,5 фоиз зиёд гардид.

Ҳаҷми пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад тавре дар боло зикр гардид, аз ҳисоби амонатҳои дархостшаванда ва амонатҳои бахши давлатӣ ба андозаи 21,1 фоиз кам шуд.

## Тағйирёбии ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (манбаъ: БМТ)







## Бақияи пасандозҳо аз рӯи намуд, млрд. сомонӣ (манбаъ: БМТ)




## Бақияи пасандозҳо аз рӯи моликият ва асъор, бо фоиз (манбаъ: БМТ)




## Сохтори пасандозҳои мӯҳлатнок аз рӯи моликият, бо ҳисса (манбаъ: БМТ)




## Сохтори пасандозҳои дархостшаванда аз рӯи моликият, бо ҳисса (манбаъ: БМТ)



**Сохтори амонатҳои пасандозӣ аз рӯи моликият, бо ҳисса** (манбаъ: БМТ)




**Сохтори амонатҳои дигар (бахши давлатӣ) аз рӯи моликият, бо ҳисса** (манбаъ: БМТ)




Меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои (мухлатноки) ҷалбшудаи ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоби миёна дар соли баррасишаванда бо пули миллӣ нисбатан афзоиш ёфта 10,1 фоизро (9,9 фоиз дар с.2020) ташкил дод. Тибқи таҳлилҳо болоравии сатҳи нархҳои истеъмолӣ ва вобаста ба ин сиёсати қатъии монетарӣ аз як тараф ва афзоиши талаботи ташкилотҳои қарзӣ ба захираҳои озод бинобар зиёд шудани қарздиҳии онҳо аз тарафи дигар ба болоравии нисбии меъёри фоизи амонатҳо таъсири худро гузошт.

Меъёри фоизи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ баръакс раванди поёнравӣ дошта, дар интиҳои соли ҳисоботӣ 3,3 фоизро (5,1 фоиз дар с.2020) ташкил дод.

**Меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои мухлатнок, моҳона** (манбаъ: БМТ)






## 2. НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ МУНАЗЗАМИ ОН

Хазина ҳамчун ниҳоди феҳристдор ва танзимкунандаи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ фаъолияти худро дар соли 2021 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", Стратегияи рушди Хазина барои солҳои 2017-2022 ва қарору супоришҳои Шӯрои нозирони Хазина бо мақсади таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар амалӣ намуд.

Дар соли 2021 коҳишёбии шумораи ташкилотҳои қарзӣ - узви низоми суғуртаи пасандозҳо аз ҳисоби бозхонди иҷозатномаи ташкилотҳои қарзии асосан заифу рақобатнопазир идома ёфт. Хазина вобаста ба ҳолатҳои суғуртавии бавуқуъомада тибқи Феҳристи ҳисобшудаи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта уҳдадории суғуртавии худро ба маблағи 208,0 млн. сомонӣ иҷро намуда, ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорони мурочиаткардаи ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда дар доираи талаботи қонунгузорӣ пардохт намуд.

***Дар давоми соли 2021 Хазина баҳри ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон уҳдадории худро аз рӯи ҷубронпулии суғурта ба маблағи 208 млн. сомонӣ иҷро кард***

Дар соли ҳисоботӣ тағйирёбии ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда дар маҷмуъ раванди муътадил дошт. Уҳдадории суғуртавии Хазина бошад вобаста ба зиёдшавии ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ ва андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки аз рӯи он маблағи ҷубронпулии суғурта муайян карда мешавад, нисбат ба соли қаблӣ афзоиш ёфт. Ҳамзамон, пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина афзоиши муътадилро нишон дод.

## 2.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

Ба ҳолати 31 декабри соли 2021 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ – узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд - Феҳрист) 29 ташкилоти қарзӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 11 адад бонк ва 18 адад ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мебошад.

Дар соли ҳисоботӣ фаъолияти 6 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 4 бонк ва 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ ва 1 бонк бинобар барҳамдиҳии ихтиёрӣ қатъ гардид. Ҳамзамон, дар ин давра 1 ташкилоти амонатии қарзии хурди нав таъсис дода шуд.

Дар маҷмуъ дар панҷ соли охир дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ 29 ташкилоти қарзӣ мавриди барҳамдиҳӣ қарор гирифт, ки аз он фаъолияти 6 бонк ва 13 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии маҷбурӣ, 1 бонк ва 9 ташкилоти амонатии қарзии хурд бо сабаби барҳамдиҳии ихтиёрӣ қатъ карда шуд. Ҳамзамон, дар ин муддат 2 бонк бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли табдилдиҳӣ ва ҳамроҳшавӣ аз Феҳрист хориҷ карда шуда, 4 ташкилоти амонатии қарзии хурд ва 6 бонк (аз он ҷумла, 3 адад бинобар табдилдиҳӣ аз ТАҚХ ба бонк ва 1 адад бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ аз ТАҚХ ба бонк) ба Феҳрист дохил карда шуд.

**Шумораи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, дар интиҳои давра** (манбаъ: Хазина)



Дар давоми соли ҳисоботӣ дар Феҳрист тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуд:

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2021, таҳти №52 иҷозатномаи ҶСП "Бонки Осиё" бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ бозхонд карда шуда, ташкилоти мазкур аз Феҳристи узвият дар Хазина хориҷ карда шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2021, таҳти №71 иҷозатномаи ҶСП ТАҚХ "СМТ-Сармоя" бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ бозхонд карда шуда, ташкилоти мазкур аз Феҳристи узвият дар Хазина хориҷ карда шуд;

- бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2021, таҳти №88 ва №89 иҷозатномаҳои ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ бозхонд карда шуда, ташкилотҳои мазкур аз Феҳристи узвият дар Хазина хориҷ карда шуданд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2021, таҳти №108 дархости ҶСП "Бонки фаръии БМП Покистон дар Тоҷикистон" оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрӣ қонеъ карда шуда, дар ин асос узвияти ташкилоти қарзии мазкур дар Хазина хориҷ карда шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2021, таҳти №160 иҷозатномаи ҶСП "Кафолатбонк" бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ бозхонд карда шуда, ташкилотҳои мазкур аз Феҳристи узвият дар Хазина хориҷ карда шуд;

- дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2021, таҳти №149 ба ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" иҷозатнома барои фаъолияти бонкӣ дода шуда, дар ин асос ташкилоти мазкур аз 3 ноябри с 2021, таҳти №062 ба Феҳристи узвияти Хазина дохил карда шуд.

Қайд кардан лозим аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ дорад, узви Хазина мебошад.

Бо вуҷуди ин, аз шумораи бонкҳои анъанавӣ БДА ҶТ “Амонатбонк” ва КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” бинобар муқарраротӣ дар моддаи 55 қисми 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” дарҷгардида, ки тибқи он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидани амонату пасандозҳои шахсони воқеиро кафолат медиҳад ва бинобар муассиси ин бонкҳо будани давлат, ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ шомил намебошанд. Ҳолати мазкур ба талаботҳои қонуни соҳавӣ ва меъёрҳои байналмилалии суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ[7], таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва тавсияҳои коршиносони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мувофиқ набуда, он бевосита барои дар низоми бонкӣ таъмини шароити рақобати солиму баробар миёни ташкилотҳои қарзӣ ва фарогирии пурраи онҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳо монеаҳои алоҳида эҷод менамояд.

## 2.2. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта

Дар соли 2021 дар панҷ ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории суғуртавии Хазина дар назди пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда гардид, ба вуқуъ омад. Хазина бо мақсади омодабошӣ ва сари вақт пардохтани ҷубронпулӣ ба пасандоздорон, дар доираи “Нақшаи чорабиниҳо оид ба тартиби амалҳои Хазина ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ” тадбирҳои дахлдор, аз ҷумла маҷмӯи чорабиниҳоро дар давраи ваколати мудири Бонки миллии Тоҷикистон то аз тарафи суд таъин гардидани мудири махсус (барҳамдиҳанда), дар давраи таъин гардидани мудири махсус (барҳамдиҳанда) ва ба вуқуъоии ҳолати суғуртавӣ, инчунин дар давраи пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ташкилоти қарзии барҳамдодашуда, андешид.

---

[7] *Яке аз принсипҳои асосии IADI, ки ҳамчун созмони эътирофшуда муқарраркунандаи стандартҳои байналмилалӣ барои суғуртаи пасандозҳо мебошад, ҳамаи бонкҳо, аз ҷумла бонкҳои давлатӣ бояд узви ҳатмии низоми суғуртаи пасандозҳо бошанд. Руҷӯъ намоед ба истиноди зерин:* https://www.iadi.org/en/core-principles-and-research/core-principles/.

Маврид ба зикр аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ”, ки сабаби ба вуҷуд омадани ӯҳдадории Хазина оид ба ҷуброни ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад, фарорасии ҳолати суғуртавӣ мебошад. Дар ин ҷода, низоми мавҷудаи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба пардохти фаврӣ ва саривақтии маблағи пасандоздорони суғурташуда мусоидат намекунад. Тавре дар боло зикр гардид, тибқи қонун барои оғози пардохти ҷубронпулӣ қарори суд дар бораи барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ, ки баъд аз бозхонди иҷозатномаи он содир карда мешавад, асос мешавад. Аз лаҳзаи бозхонди иҷозатнома ва баромадани қарори суд оид ба барҳамдиҳии маҷбурӣ одатан аз ду то се ҳафта мегузарад ва Хазина пас аз 14 рӯзи баромадани қарори суд пардохти ҷубронпулиро ба пасандоздорон шуруъ мекунад. Дар ин муддат, аз ҷониби мудири махсус (барҳмадиҳанда)-и таъиншуда бояд ба Хазина Феҳристи мувофиқашудаи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулии суғурта пешниҳод карда шавад. Бо вуҷуди ин, оғоз намудани пардохти ҷубронпулӣ барои Хазина ҳатто пас аз 14 рӯз нисбатан душвор аст, зеро аз лаҳзаи таъини мудири махсус ва пешниҳоди феҳристи мазкур ба Хазина, инчунин қабули қарори Шӯрои нозирони Хазина оид ба тасдиқи бонк-агент барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва бастани шартномаи хизматрасонӣ бо бонк-агент, рӯзҳои бештар лозим мешавад. Аз ин рӯ, барои оғози раванди пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда зиёда аз як моҳ вақт лозим меояд.

Дар давоми соли ҳисоботӣ ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии зерин ба вуқуъ омад:

- тибқи ҳалномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 30 апрели соли 2021 фаъолияти ҶСП “Бонки Осиё” дар асоси барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ қатъ ва нисбати он мурофиаи барҳамдиҳӣ оғоз гардид. Дар асоси Феҳристи пасандоздорони

пешниҳоднамудаи мудири махсуси бонки мазкур иборат аз 228 нафар пасандоздор бо ҷубронпулии ҳисобшуда ба маблағи 128,4 ҳаз. сомонӣ, аз ҷониби Хазина санаи 24.05.2021с. тавассути бонк-агент БДА ҶТ "Амонатбонк" пардохти ҷубронпулӣ оғоз гардида, ба ҳолати 31.12.2021с. ба пасандоздорони муроҷиатнамуда 98,0 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд. Раванди пардохти ҷубронпулӣ ва мурофиаи муфлисшавии ҶСП "Бонки Осиё" бо таъиноти Суди иқтисодии ш. Душанбе аз 30.11.2021с. қатъ гардид.

- тибқи ҳалномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 30 апрели соли 2021 фаъолияти ташкилоти қарзии хурди ҶСП ТАҚХ "СМТ-Сармоя" дар асоси барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ қатъ ва нисбати он мурофиаи барҳамдиҳӣ оғоз гардид. Хазина дар навбати худ барои оғози расмиёти пардохти ҷубронпулӣ омодагӣ дид. Дар асоси мактуби расмии барҳамдиҳандаи ташкилоти қарзии мазкур, маблағи пасандозҳо бинобар теъдоди ками пасандоздорони суғурташуда (ҳамагӣ 7 нафар), аз ҷониби худи барҳамдиҳанда қонеъ карда шуд.

- тибқи ҳалномаҳои Суди Олии иқтисодии шаҳри Душанбе аз 1 июни соли 2021 фаъолияти ҶСК "Агроинвестбонк" ва аз 4 июни соли 2021 фаъолияти ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дар асоси барҳамдиҳии маҷбурӣ бо асосҳои муфлисшавӣ қатъ ва нисбати онҳо мурофиаи барҳамдиҳӣ оғоз гардид. Дар асоси Феҳристи пасандоздорони пешниҳоднамудаи мудирони махсуси бонкҳои мазкур иборат аз 31 832 нафар пасандоздор бо ҷубронпулии ҳисобшудаи баробар ба маблағи 207,9 млн. сомонӣ, аз ҷониби Хазина санаи 23.06.2021с. тавассути бонк-агент ҶСК "Ориёнбонк" ба пасандоздорони ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва санаи 02.07.201с. тавассути бонк-агент БДА ҶТ "Амонатбонк" ба пасандоздорони ҶСК "Агроинвестбонк" пардохти ҷубронпулӣ оғоз гардид. Ба ҳолати 31.12.2021с. ба 11 891 нафар пасандоздорони муроҷиатнамудаи ин бонкҳо маблағи 177,7 млн. сомонӣ, ки 85,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулиро ташкил медиҳад, пардохт карда шудааст. Айни замон, раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" идома дорад.

- тибқи ҳалномаи Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 2 ноябри соли 2021 фаъолияти ҶСП "Кафолатбонк" дар асоси барҳамдиҳии маҷбурӣ бе асосҳои муфлисшавӣ қатъ ва нисбати он мурофиаи барҳамдиҳӣ оғоз гардид. Дар асоси Феҳристи пасандоздорони пешниҳоднамудаи барҳамдиҳандаи бонки мазкур иборат аз 522 нафар пасандоздор бо ҷубронпулии ҳисобшуда ба маблағи 878,3 ҳаз. сомонӣ, аз ҷониби Хазина санаи 19.11.2021с. тавассути бонк-агент ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" пардохти ҷубронпулӣ оғоз гардид. Ба ҳолати 31.12.2021с. ба пасандоздорони мурочиатнамудаи ин бонк 102,9 ҳаз.сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда шуд. Айни замон, раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ҶСП "Кафолатбонк" идома дорад.

Дар маҷмуъ танҳо дар соли 2021 аз тарафи Хазина ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда аз маблағи умумии ҷубронпулии тибқи Феҳристи пасандоздорон ҳисобшуда, ки 208,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, тибқи ҳисоботҳои фосилавии бонк-агентҳо ба санаи 31.12.2021с. маблағи 177,9 млн. сомонӣ воқеан пардохт карда шудааст.

Аз соли 2016 то инҷониб бошад, Хазина ба пасандоздорони суғурташудаи 17 ташкилоти қарзии барҳамхӯрда ба маблағи воқеии 201,0 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон бо млн. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)



**Раванди қонеъгардии талаби Хазина аз рӯи маблағҳои пардохташудаи ҷубронпулии суғурта**

Мутобиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи талаби манфитаҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи ҷубронпулӣ ба Хазина вогузор карда шуда, он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳанда) қонеъ карда шавад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад. Ба интиҳои соли 2021 аз 17 ташкилоти қарзии барҳамдодашуда 5-тои он (ҶДММ ТАҚХ "Баракат", ҶСП ТАҚХ "Дафтари молиявӣ", ҶДММ ТАҚХ "Молия ва сармоя", ҶДММ ТАҚХ "Тиҷорат" ва ҶСП "Бонки Осиё") талаби Хазинаро оиди маблағи пардохташудаи ҷубронпулии суғурта пурра иҷро намуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби як ташкилот (ҶСК "Фононбонк") талаботи Хазина қисман ба андозаи баробар ба 0,2 фоизи ҷубронпулии ба пасандоздорони ин ташкилот пардохтшуда қонеъ карда шудааст.

Дар умум, маблағи аз ҷониби ташкилотҳои қарзии мазкур қонеъкардашуда ҳамагӣ 0,26 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина то санаи 31.12.2021с. пардохтшударо ташкил медиҳад.

**Мушкилотҳои дар раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ мавҷуда ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он**

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" раванди барҳамдиҳии ташкилоти қарзии муфлисшуда ба ваколати мудири махсус ё барҳамдиҳанда, ки он шахси воқеии дорои шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон[8] буда, бо пешниҳоди Бонки миллии Тоҷикистон ва бо қарори суд таъин ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзиро анҷом медиҳад, вогузор карда шудааст. Аз лаҳзаи таъини мудири махсус тамоми ваколатҳои идоракунии бонк, аз ҷумла фурӯш, созиш ва ҳисоббаробаркунии

---

*[8] Талаботи тахассусии барҳамдиҳанда ва тартиби гирифтани шаҳодатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муқаррар мегардад.*

дороиҳо ба вай мегузарад ва ӯ намояндаи ягонаи қонунии ташкилоти қарзии барҳамдодашуда мебошад. Дар баробари ин, талаби қарздеҳон бояд тибқи тартиби дар Қонуни ҶТ «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» муқарраршуда, аз ҷониби мудири махсус қонеъ гардонида шавад.

Дар ин ҷода яке аз самтҳое, ки пайваста ба таҷдиди назар ваислоҳотҳои куллӣ тақозо дорад, ин шаффофияти раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Тавре таҳлилҳо ва таҷриба нишон медиҳад, дар самти таъмини раванди босамари барҳамдиҳи ташкилотҳои қарзӣ камбудиҳои зерин мавҷуданд:

- Раванди барҳамдиҳӣ дар бархе аз ташкилотҳои қарзии муфлисшуда тибқи тартибу муқаррароти қонун дуруст ба роҳ монда нашуда, шаффофияти он ва назорати саривақт иҷрои талаботи қарздеҳон тибқи тартиби дар қонунгузорӣ муайяншуда муайян нест. Мисоли ин гуфтаҳо мурочиатҳои Хазина ба мудирони махсуси бонкҳои муфлисшуда мебошанд, ки аз онҳо Хазина борҳо дархост намудааст, ки оид ба раванди иҷроиши талаботи қарздеҳон маълумоти мушаххас пешниҳод карда шавад, вале дар бисёр ҳолатҳо Хазина нисбати дархостҳои худ ба гирифтани иттилооти зарурӣ муяссар нагардидааст, ҳоло он ки Хазина яке аз қарздеҳони асосии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда ба ҳисоб меравад;

- Фаъолияти ҳар як мудири махсус (барҳамдиҳанда) ҷудогона ва бемураттаб ба роҳ монда шудааст. Ба ғайр аз қонуни болозикр, ки муқаррароти он бештар хусусияти умумиро дорад, дар фаъолияти мудирони махсус (барҳамдиҳандагон) сиёсат, тартиб ё стандартҳои ягона нисбати ба роҳмонии раванди кор, гузаронидани музоядаҳо, ифшои маълумотҳо ва назорати берунӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди таҳти назорати суд қарор доштани раванди барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ, аз болои фаъолияти мудири махсус (барҳамдиханда) назорати фаъол ба роҳ монда нашудааст;

- Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ" бо мақсади намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои асосии қарздеҳон дар ташкилотҳои қарзии муфлисгардида мебояд кумитаи қарздеҳон таъсис дода шуда, бо розигии мудири махсус маҷлисҳои умумии қарздеҳон доир ба масъалаи барҳамдиҳии

ташкилоти қарзии муфлисшуда гузаронида шавад. Мутаассифона, ба чунин кумитаҳо Хазина на даъват шудааст у на вобаста ба он ба Хазина маълумот пешниҳод мегардад;

- Вазифаи асосии мудири махсус ҷамъоварӣ ва фурӯши дороиҳои ташкилот ба манфиати қарздеҳон мебошад. Бо вуҷуди ин, дар низоми мавҷуда барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қарздеҳон имконияти кам дода шудааст. Таҷрибаи ғайри қобили қабул вуҷуд дорад, ки аз ҷониби баъзе аз мудирони махсуси бонкҳои мавриди барҳамдиҳии маҷбурӣ қарордошта ҳангоми тартибдиҳии Феҳрист меъёрҳои қонуни болозикр ва ҳуқуқҳои бо ин қонун пешбинишудаи Хазина, аз ҷумла талаботи ба манфиати қарздеҳон ситонидан ва бегона кардани (фурӯхтани) дороиҳои ташкилоти қарзӣ ва тақсими маблағҳо тибқи навбат бо тартиби муқарраркардаи қонуни мазкур вайрон шудааст.

Бинобар ин, ҷиҳати риояи муносиби муқаррароти қонунгузорӣ, шаффоф гардидани фаъолияти мудирони махсус, дуруст тартиб дода шудани Феҳристи талаботи қарздеҳон ва пардохти маблағҳо ба қарздеҳон, аз болои раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда мебояд назорати қатъиро ба роҳ монд.

Умуман, тавре таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар бисёре аз мамлакатҳои дунё раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзии муфлисшуда ба салоҳияти мақомот ё худ институти алоҳида ҷиҳати пешбурди сиёсати ягона ва шаффоф дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор вогузор карда шудааст. Ҳамзамон, дар кишварҳои хориҷи дур (ИМА, Канада, Туркия, Урдун, Корея) ва наздик (Русия, Белорусия, Украина, Озарбойҷон, Қазоқистон) ваколати барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба зиммаи ташкилотҳои суғуртакунандаи пасандозҳо вогузор карда шудааст.

Вобаста ба ин, бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ такмили қонунгузорӣ ва дар низоми молиявӣ таъсис додани чунин як мақомоти алоҳидаи бевосита дорои салоҳияти барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, барои шаффоф, дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар навбати худ, ин метавонад ба устувории низоми суғуртаи пасандозҳо ва зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ расонад.

## 2.3. Суғурта гардидани пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷониби Хазина

Тибқи ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2021 ҳаҷми умумии маблағи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки аз ҷониби Хазина мавриди суғурта фаро гирифта мешаванд 3 315,1 млн. сомониро ташкил дода, шумораи пасандоздорони суғурташуда ба 816,3 ҳаз. нафар расид[9]. Дар муқоиса ба интиҳои соли 2020 маблағи пасандозҳои суғурташуда 3,9 фоиз кам ва шумораи пасандоздорони суғурташуда бошад 68,8 фоиз зиёд гардид.

**Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқей, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Шумораи пасандоздорони суғурташуда, ҳаз. нафар** (манбаъ: Хазина)




Коҳиш ёфтани маблағи пасандозҳои суғурташуда асосан дар натиҷаи аз фарогирии суғурта баромадани пасандозҳои бонкҳои барҳамдодашуда, бахусус ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ки ҳаҷми онҳо дар соли қаблӣ зиёда аз 1,0 млрд. сомониро ташкил медод, ба вуқуъ омадааст. Бо вуҷуди ин, дар интиҳои соли 2021 аз рӯи ҳаҷм пасандозҳои суғурташуда нисбат ба аввали сол ҳамагӣ 135,2 млн. сомонӣ кам шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкилотҳои қарзии амалкунанда тавонистанд пасандозҳои баробар ба

[9] *Бе назардошти суратҳисобҳои пасандозие, ки тибқи моддаи 24 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” суғурта намешаванд.*

86 фоизи пасандозҳои аз ҳисоби бонкҳои барҳамдодашуда камшударо ба низом ҷалб намоянд.

Дар навбати худ, афзоиши назарраси шумораи суратҳисобҳои пасандозӣ (68,8 фоиз) асосан бо омилҳои зерин алоқамандӣ дошт:

- **Ҷалби пасандоздорон вобаста ба пешниҳоди хизматрасонии ҷолиб ва боэътибор.** Ташкилотҳои қарзӣ тавонистанд теъдоди амонатгузоронро, қисман муштариёни бонкҳои барҳамдодашударо низ аз ҳисоби сиёсати пешгирифтаашон ба худ ҷалб кунанд.

-**Ташкилотҳои қарзии алоҳида миқдори зиёди суратҳисобҳоро, инчунин суратҳисобҳои марбут ба лоиҳаҳои музди меҳнатро дар як суратҳисоб нигоҳ медоштанд.** Дар рафти санҷишҳо аз ҷониби Хазина ин гуна камбудиҳо ошкор гардида, ба бонкҳо барои бартараф намудан ва инъикоси ҳар як соҳиби суратҳисоб дар суратҳисоби корти алоҳида мӯҳлат дода шуд. Дар натиҷа, бонкҳо ба муайян ва инъикоси дурусти суратҳисобҳоро ба роҳ монданд, ки ин дар навбати худ ба афзоиши шумораи пасандоздорон низ таъсири худро расонид.

- **Ба кор даровардани низоми Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (NPCR) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон.** Тибқи талаботи он тамоми интиқолҳои маблағҳои фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ (аз ҷумла, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ) бояд тавассути ин низом гузаранд. Қабл аз ҷорӣ намудани низоми мазкур қисми зиёди интиқоли маблағҳо аз Русия ба Тоҷикистон тавассути ширкатҳои интиқоли пул, асосан оператори низоми пардохтии «Золотая Корона» анҷом дода мешуд, зеро он аз ҷиҳати нархи хизматрасонӣ дар байни дигар операторҳо арзонтар буд (тибқи маълумотҳо, «Золотая Корона» то 80 фоизи тамоми маблағҳои пулии аз Русия интиқолшавандаро дар бар мегирифт). Бо ба кор даромадни низоми NPCR аксари операторони низоми пардохтӣ, аз ҷумла “Золотая Корона” натавонистанд ба қоидаҳои он ҷавобгӯ гарданд ва барои шомил шудан ба узвияти низоми NPCR иҷозатнома гиранд.

Бо назардошти ин, интиқолкуннадагони маблағҳо, аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ ба истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ бо кушодани суратҳисобҳои кортӣ барои интиқоли маблағҳои худ шурӯъ

каpданд. Хушбахтона, бонкҳои ватанӣ тавонистанд ба зудӣ пешниҳоди чунин хизматрасонӣ, аз қабили интиқоли фаврии корт ба корт аз Русия ба Тоҷикистонро бо нархҳои рақобатпазир дар муқоиса бо операторҳои мавҷудаи низоми пардохт ба роҳ монанд, ки дар натиҷа маблағҳои интиқолӣ бештар тавассути кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқол ва қабул карда мешаванд.

Дар соли ҳисоботӣ раванди мусбии афзоиши ҳиссаи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ идома ёфт. Аз ҷумла, дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳаҷми пасандозҳо бо пули миллӣ нисбат ба соли қаблӣ 27,3 фоиз афзуда, ҳиссаи он 57,7 фоизи (43,6 фоиз дар соли 2020) маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро ташкил дод. Пасандозҳои асъорӣ бошанд 28,0 фоиз коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо 42,3 фоизи (56,4 фоиз дар соли 2020) маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро ташкил дод.

Ҳамзамон, аз шумораи умумии пасандоздорон суратҳисобҳои пасандоздороне, ки пасандозҳояшон бо сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ аст, мувофиқан 92,0 фоиз (83,6 фоиз дар соли 2020) ва 8,0 фоизро (16,4 фоиз дар соли 2020) ташкил дод.

Нишондиҳандаҳои болозикр аз тадриҷан камшавии сатҳи долларизатсияи пасандозҳо шаҳодат дода, ҳамчун омили мусбӣ ба коҳиш ёфтани сатҳи хавфҳои низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Сохтори асъории пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ, млрд. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




**Сохтори асъории шумораи пасандозҳои суғурташуда, ҳаз. нафар ва (манбаъ: Хазина)**



**Омилҳои ба раванди дедолларизатсияи пасандозҳо таъсиррасон**

- Сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон дар самти дедолларизатсиякунонии бахши низоми бонкӣ, ба монанди истифодаи фишангҳои сиёсати монетарӣ (меъёри захираҳои ҳатмӣ ва амалиёт дар бозори озод) ва чораҳои танзими бозори асъор (истифодаи бештари пули миллӣ дар муомилот ва ҳангоми гирифтани интиқолҳои фаромарзӣ);

- Талаботи Хазина ба ташкилотҳои қарзии аъзои низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оиди ҳисоб ва супоридани пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳои асъорӣ бо меъёрҳои баландтар нисбат ба пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳо бо сомонӣ;

- Вобаста ба таҷрибаи манфии бухрони моливӣ-иқтисодии солҳои 2014-2015, ки дар натиҷаи беқурбшавии назарраси пули миллӣ, қарзҳои ғайрифаъоли бонкҳо, бахусус бонкҳои мушкилотдор зиёд гардида, он дар низом мушкилиҳои зиёдро ба бор овард. Аз ин лиҳоз, бинобар хавфи зиёд доштани ҷалбкунӣ ва қарздиҳии маблағҳои асъорӣ ба мизоҷоне, ки даромадҳояшон бо сомонӣ (бидуни ҳеҷикунонӣ) аст, ташкилотҳои қарзӣ ҷолибнокии пасандозҳоро бо асъори хориҷӣ бо роҳи паст намудани фоизнокии онҳо ба маротиб коҳиш доданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи бештари маблағи пасандозҳои суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ маъмулан ба бонкҳо рост меояд, ки онҳо 76,0 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташударо ташкил медиҳанд (дар соли 2020 - 83,2 фоиз). Аз рӯи шумора ҳиссаи зиёдтари пасандоздорон баробар ба 56,7 фоиз ба бонкҳо ва 43,3 фоиз ба ТАҚХ рост меояд.

Ғайр аз ин, ҳаҷми асосии пасандозҳои суғурташуда аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ асосан миёни якчанд ташкилот таҷаммуъ шудааст. Зиёда аз 80 фоизи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ва ҳам аз ҷиҳати шумора ба панҷ бонк ва се ташкилоти амонатии қарзии хурд рост меояд.

**Тачаммуи пасандозҳои суғурташуда аз рӯи ташкилотҳои қарзӣ бо млн. сомонӣ (манбаъ: Хазина)**




## Уҳдадориҳои суғуртавии Хазина

Мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ на бештар аз 500 ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ на бештар аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян гардидааст. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2021” аз санаи 01.01.2021с. нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 60 сомонӣ муқаррар карда шуд, ки дар натиҷа андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ то 30 000 сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ то 21 000 сомонӣ зиёд шуд.

Илова бар ин, тибқи қонуни мазкур барои соли 2022 аз санаи 01.01.2022с. нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 64 сомонӣ муқаррар карда шуд, ки вобаста ба он андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ то 32 000 сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ то 22 400 сомонӣ афзуд.

Вобаста ба ин, ба санаи 1 январи соли 2022 маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда дар доираи андозаи ҷубронпулӣ, ки уҳдадориҳои умумии Хазинаро аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда нишон медиҳад, 1 350,2 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 12,3 фоиз зиёд мебошад. Сабаби асосии афзоиши уҳдадории Хазина бо зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ҳаҷми пасандозҳои шахсонии воқеӣ дар доираи андозаи ҷубронпулӣ алоқаманд буд.

Аз ҳаҷми умумии уҳдадориҳои Хазина 84,0 фоиз уҳдадорӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва 16,0 фоиз аз рӯи пасандозҳои асъори хориҷии шахсони воқеӣ мебошад. Дар баробари ин, уҳдадории Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта дар назди бонкҳо 70,3 фоиз ва дар назди ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 29,7 фоизро ташкил медиҳад.

**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи ташкилот, млрд. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




**Сохтори уҳдадориҳои суғуртавии Хазина аз рӯи асъор** (манбаъ: Хазина)



Маблағи уҳдадории потенсиалии Хазина 40,7 фоизи ҳиссаи умумии пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеиро руйпӯш менамояд (дар ҳамин давраи соли қаблӣ 34,9 фоиз буд). **Ин маънои онро дорад, ки дар мавриди эҳтимолии ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ, Хазина уҳдадор мегардад маблағи ба ин баробар пасандозҳои суғурташударо ба пасандоздорон пардохт намояд.**

Ҳамзамон, таҳлили сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи бештари он - 97,8 фоиз (798,8 ҳаз. нафар) дар доираи маблағи ҷубронпулӣ пурра фаро гирифта шуда, ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда қисман ҷуброн карда мешаванд, 2,2 фоизи шумораи умумии пасандоздоронро (17,6 ҳаз.нафар) ташкил медиҳад. **Нишондиҳандаҳои мазкур аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар мавриди эҳтимолии ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ шумораи аксари пасандоздорони суғурташуда аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда мешавад.**

**Шумораи пасандоздорони суғурташуда ва таркиби он, ҳаз. нафар ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)






## Таъсири афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба самаранокии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки он бо Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатӣ" ба танзим даровarda мешавад, нишон дода шудааст[10]. Бо назардошти он, ки андозаи ҷубронпулии суғурта бо нишондиҳандаи мазкур алоқаманд аст, ҳангоми аз тарафи Вазорати молияи ҶТ зиёд намудани ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо он бевосита боиси афзоиши андозаи ҷубронпулӣ мегардад.

**Афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо сомонӣ** (манбаъ: Вазорати молия)




**Афзоиши андозаи ҷубронпулии суғурта, бо сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 2015 инҷониб андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо 1,6 маротиба зиёд шуда, он дар навбати худ боиси афзоиши ҳаҷми ухдадориҳои потенсиалии Хазина аз рӯи пардохти ҷубронпулии суғурта мегардад.

Умуман, таврe таҷриба нишон медиҳад, вобаста кардани андозаи ҷубронпулӣ аз "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" (ба ҷои андозаи

[10] *Тибқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" аз 23.11.2015с. воридшуда, андозаи ҷубронпулӣ аз нишондиҳандаи рақамӣ ("7000 сомонӣ") ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз карда шуд.*

муайяни рақамӣ), гарчанде ки он тасҳеҳи автоматикии андозаи ҷубронпулиро пешбинӣ менамояд, бо сабабҳои мухталиф як қатор пайомадҳо ва мушкилиҳои зерини худро дар раванди танзими фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ зоҳир намуд:

- пеш аз ҳама тавре дар боло зикр гардид, бинобар ҳамасола тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи буҷети давлатӣ" зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва вобаста ба он андозаи ҷубронпулӣ бо ҳисоби сомонӣ, ӯҳдадориҳои суғуртавии Хазина низ ҳар сол зиёд шуда истодааст;

- тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ қабл аз баланд бардоштани андозаи ҷубронпулӣ сараввал бояд имкониятҳои ҷойдоштаи молиявӣ ба инобат гирифта шуда, муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ бо назардошти афзоиши мутаносиби дороиҳои Хазина, бахусус пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина воридшаванда, ба мақсад мувофиқ мебошад. Аммо, тибқи таҳлилҳо номутаносибии афзоиши дороиҳои Хазина ва андозаи ҷубронпулӣ ҷой дорад. Аз ҷумла, дар соли 2021 ҳаҷми пардохтҳои тақвимӣ дар муқоиса ба соли 2015 зиёда аз 60 фоиз кам шудааст, ҳол он ки андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва вобаста ба ин андозаи ҷубронпулӣ ба ҳисоби миёна қариб 2 маротиба зиёд шудааст;

**Таносуби ӯҳдадории Хазина нисбат ба кулли пасандозҳои суғурташуда, бо %** (манбаъ: Хазина)




**Таносуби дороиҳои Хазина нисбат ба ӯҳдадориҳои суғуртавӣ, бо %** (манбаъ: Хазина)



Ғайр аз ин, агар ба таносуби пардохтпазирии Хазина (дороӣ нисбат ба уҳдадорӣ) назар афканем, маълум мегардад, ки аз як тараф камшавии воридшавии маблағ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ ва пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, аз тарафи дигар вобаста ба афзоиши андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва коҳишёбиҳои қурбӣ, зиёд гардидани уҳдадориҳои суғуртавии Хазина (148 млн. сомонӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2020) ба номувофиқатии байни дороиҳои Хазина ва уҳдадориҳои он аз рӯи ҷуброни пули суғурта, яъне ба таври мувофиқ зиёд нашудани таносуби дороӣ нисбат ба уҳдадорӣ овардааст, ки ин дар навбати худ ба афзоиши хавфҳои молиявӣ ва пардохтпазирии Хазина ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои худ низ таъсири манфӣ мерасонад;

- ҳамзамон, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ андозаи ҷубронпулӣ набояд барои аҳолӣ (пасандоздорон, муштариён ва умуман иштирокчиёни низоми бонкӣ) душворфаҳм бошад, аммо бинобар бо "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" муқаррар гардидан, он барои аҳолӣ начандон осонфаҳм аст. Бо сабаби душворфаҳмӣ, ба Хазина дар раванди пешбурди корҳои таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа на ҳама вақт ба фаҳми аҳолӣ ба таври самаранок расонидани андозаи ҷубронпулӣ ва мафҳуми "нишондиҳанда барои ҳисобҳо" муяссар мегардад.

Аз ин лиҳоз, минбаъд бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ ва бевосита бо сомонӣ муқаррар кардани андозаи ҷубронпулӣ, барои бартараф намудани мушкилиҳои зикргардида, ба раванди босамари иртибот бо ҷомеа, ташвиқоту огоҳонии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо мусоидат мекунад.

Ҳамзамон бо ин, андозаи ҷубронпулӣ бояд на ин ки ба тариқи индексатсияи автоматикӣ балки мунтазам ҳангоми зарурат бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар асоси баҳодиҳии воқеъбинона ва таҳлилҳои амиқ, имкониятҳои молиявии ҷойдошта ва кифоятии маблағҳои Хазина ҷиҳати таъмини пардохти ҷубронпулӣ, аз нав дида баромада шавад.

## 2.4. Арзёбии пардохтҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина

Мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои пасандозҳои шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Бо дарназардошти ин, ба санаи 31 декабри соли 2021 аз рӯи ҳисобоҳои ташкилотҳои қарзӣ ҳаҷми пардохтҳои тақвимии ба суратҳисобҳои Хазина пардохтшуда 20,9 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 28,5 фоиз афзудааст. Афзоиши мазкури пардохтҳои тақвимӣ асосан бо зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳои суғурташавандаи ташкилотҳои қарзии амалкунанда вобаста аст.

Андозаи пардохтҳои тақвимии ТҚ ба Хазина, бо фоиз
(манбаъ: Хазина)




Пардохтҳои тақвимии ТҚ ба Хазина, бо млн. сомонӣ
(манбаъ: Хазина)




Бояд қайд кард, ки дар диаграммаи болозикр фарқияти байни пардохтҳои ҳисобшуда ва пардохташудаи ташкилотҳои қарзӣ нишон дода шудааст. Тамоюли коҳишёбии пардохтҳои тақвимии ҳисобшуда, дар соли 2021 низ идома ёфта, он асосан бо ҳолати бади бонкҳои мушкилотдори барҳамдодашуда, ки талаботи қонунро аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ иҷро карда натавониста буданд, вобаста мебошад.

## 2.5. Санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина

Яке аз самтҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин гузаронидаи санҷиши ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҷиҳати муайян намудани дараҷаи риоя гардидани талаботҳои Хазина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи "Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо" дар рафти санҷиши ташкилотҳои қарзӣ пайваста масъалаҳои зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешаванд:

1) Санҷиши саривақт ва пурра аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани пардохтҳо ба Хазина;

2) Санҷиши пешбурди баҳисобгирии уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорон;

3) Санҷиши пешбурди руйхати шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ;

4) Санҷиши аз ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи иштироки худ дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дар бораи тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта аз рӯи пасандозҳои суғурташуда инчунин санҷиши сатҳи дониши кормадони ташкилоти қарзӣ оид ба суғуртаи пасандозҳо;

5) Санҷиши омодагии ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт тибқи тартиби муқарраршуда омода намудани феҳристи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди пасандоздорони суғурташуда.

Баҳри таъмини фаъолияти пурсамари низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва назорати иҷрои уҳдадории ташкилотҳои қарзӣ, кормандони Хазина дар соли сипаришуда тибқи супоришномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар санҷишҳои нақшавӣ ва мавзӯии 27 ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла 12 бонк ва 15 ташкилоти амонатии қарзии хурд иштирок намуданд (дар соли 2020 фаъолияти 21 ташкилоти қарзӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда буд).

Натиҷаҳои санҷиши ташкилотҳои қарзӣ нишон медиҳад, ки камбудиҳои асосии ошкоршуда аз инҳо иборат аст:

- саривақт ва пурра нагузаронидани маблағи пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина, ки вобаста ба он дар давраи ҳисоботӣ 158,4 ҳаз. сомонӣ

маблағи ноустуворона рӯёнида шуд ва 107,1 ҳаз. сомони маблағи фарқияти пардохтҳои тақвимӣ барқарор карда шуд;

- омода ва дуруст тартиб надодани феҳристи шахсони вобастаи ташкилоти қарзӣ;

- омода ва тартиб надодани феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарраршуда аз ҷониби аксари ташкилотҳои қарзии узви Хазина.

Инчунин, мушкилии муайян намудани мушаххасоти (идентификатсияи) пасандоздорон, дарҷи нопурраи маълумоти дорандагони кортҳои пардохтӣ, дар шартномаҳои пасандозӣ на ҳама вақт дарҷ шудани банди алоҳида оид ба суғурта шудани пасандозҳо ва набудани китоби бақайдгирии суратҳисобҳои пасандозӣ низ ҷой дорад.

Хазина аз рӯи натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ба роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ бароиислоҳи камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои мушаххас медиҳад. Таҷриба нишон медиҳанд, ки аз ҷониби на ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ нисбати ҳалли камбудиҳои ошкоршуда саривақт чораҷӯӣ карда мешавад, алалхусус ин ба талабот нисбати таҳияи Феҳристи пасандоздорони суғурташуда тибқи тартиби аз ҷониби Хазина муқарррарршуда дахл дорад. Таҳлили натиҷаҳои санҷиш нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии саривақт ва дуруст тибқи талаботи муқарраршуда тартиб дода нашудани Феҳристи мазкур аз омилҳои зерин вобаста аст:

- аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ автоматикунонӣ ва интегратсия карда нашудани Феҳристи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ барои ҳисоб ва пардохти ҷубронпулӣ дар низоми автоматикунонидашудаи бонкӣ;

- таъмин нагардидани пуррагӣ ва дурустии вориди маълумот дар бораи пасандоздорон ба Феҳрист, аз он ҷумла оид ба мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва рақами мушаххасоти анзосупоранда (РМА).

Вобаста ба ин, Хазина дар солҳои минбаъда ба нақша гирифтааст, ки бо кӯмаки техникии ташкилотҳои шарикони рушд тавассути автоматикунонии назорати раванди таҳия ва интегратсияи феҳрист талаботро нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати риояи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина пурзӯр намояд.

# 3. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

## 3.1. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳои Хазина

Яке аз манбаҳои ташаккули дороиҳои Хазина даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, дар соли ҳисоботӣ Хазина маблағҳои озоди худро бо мақсади гирифтани даромад дар доираи имкониятҳои мавҷудаи бозори молиявӣ бо назардошти масъалаи идоракунии хавфи падохтпазирии Хазина, сармоягузорӣ кард.

Бояд қайд кард, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" Хазина маблағҳои худро метавонад танҳо ба коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз сармоягузорӣ кунад.

Дар соли 2021 бо назардошти набудани дигар манбаҳои эътимодноки молиявии сармоягузорӣ дар бозори коғазҳои қиматнок, Хазина маблағҳои худро танҳо ба Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ кард. Аз ҷумла Хазина дар 8 музоядаи баргузоршудаи барориши Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия иштирок карда, дар ҳаҷми 575,0 млн. сомонӣ бо меъёри даромаднокии миёнавазни 0,99 фоизи солона ба векселҳои мазкур сармоягузорӣ намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми соли ҳисоботӣ бинобар ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва аз ҷониби Хазина таъмин гардидани пардохти ҷубронпулии суғуртавӣ ба пасандоздорони онҳо (бахусус, ба ҶСК "Агроинвестбонк ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк"), дороиҳои софи Хазина зиёда аз 60 фоиз коҳиш ёфтанд, ки ин дар навбати худ ба раванди сармоягузорӣ ва даромади гирифташуда таъсири бевосита расонид.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ сол аз сол аз лиҳози рушд ва фарогирии бозорӣ пайваста дар як сатҳи муайян қарор дошта, амалӣ намудани тадбирҳо дар самти баланд бардоштани ҷолибияти фоизи даромаднокии Векселҳои давлатии

хазинадорӣ (ВДХ), бо фоизҳои бозорӣ ва мухлатнокии гуногун ба роҳ мондани барориши онҳо барои тадриҷан инкишофи бозори дохилии коғазҳои қиматноки давлатӣ бевосита мусоидат хоҳанд кард.

Дар давоми соли баррасишаванда Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молия бо меъёри то андозае паст ва бо арзёбии ҳақиқӣ манфӣ бароварда шуд, ҳол он ки дар ин давра даромаднокии фоизи миёнавазн аз рӯи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон атрофи 10-13 фоизро ташкил дода буд. Аммо, бо назардошти сарчашмаи ягонаи сармоягузорӣ будани Векселҳои давлатии хазинадорӣ, Хазина дар музоядаҳои он бо меъёрӣ 0,99 фоиз иштирок намуд.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, бо млн. сомонӣ ва бо фоиз** (манбаъ: Хазина)




Бо назардошти омилҳои болозикр, яъне набудани манбаҳои алтернативӣ барои сармоягузорӣ бо фоизҳои баландтар, меъёрҳои фоизнокии паст доштани векселҳои давлатии хазинадорӣ ва коҳиш ёфтани маблағҳои озоди Хазина дар натиҷаи пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, дар соли 2021 даромади фоизии Хазина аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ 954,5 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 37,4 фоиз камтар мебошад.

**Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок, бо ҳаз. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




## 3.2. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина

Дар соли ҳисоботӣ раванди такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина ва низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, ҷиҳати ҷавобгӯ намудани онҳо ба талаботҳои муосир идома ёфт. Дар ин давра санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерини Хазина таҳия ва барои тасдиқи Шӯрои нозирон пешниҳод карда шуданд, аз он ҷумла:

- Бо назардошти тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2021” аз 1 январи соли 2021 зиёд шудани андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба “Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи №2-Х “Маълумот оид ба сохтори пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ дар Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” тағйиру иловаҳои дахлдор ворид шуда, он бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №8 аз 19 феврали соли 2021;

- “Кодекси одоби хизматӣ ва этикаи кории кормандони Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” бо Қарори Шӯрои нозирони Хазина таҳти №9 аз 19 феврали соли 2021.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ, ки яке аз қисматҳои татбиқшавандаи он таҳия ва ба расмият даровардани "Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ оид ба ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот" ба ҳисоб мерафт, лоиҳаи санади мазкур таҳия гардид ва он дар санаи 20 апрели соли 2021 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина ба имзо расонида шуд.

Инчунин, дар доираи "Барномаи таҳкими бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ"-и Бонки Осиёгии Рушд (БОР) ва иҷрои талаботи Матритсаи чораҳои сиёсии Барномаи мазкур оид ба таҳия ва ба расмият даровардани созишномаи кулл байни Вазорати молия ва Хазина, аз ҷониби Хазина лоиҳаи "Созишномаи кулл оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина" дар мувофиқа бо Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон омода карда шуда, он барои имзо ба Вазорати молия пешниҳод карда шуд.

Лоиҳаи Созишномаи мазкур дар заминаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри с.2020, №622 "Дар бораи Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" таҳия карда шуда, он шартҳо ва тартиби мушаххаси аз ҷониби Вазорати молия пешниҳод кардани маблағҳои қарзӣ ба Хазина ҳангоми пайдо шудани касри маблағҳои он пешбинӣ менамояд. Қабул ва дар ҳолати зарурӣ амалӣ гардидани он барои ҷуброн намудани камомади (касри) маблағи Хазина ва таъмини устувории молиявии низоми суғуртаи пасандозҳо, пардохти саривақти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва пешгирии хавфҳои системавӣ ва таъмини устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита мусоидат хоҳад кард.

Илова бар ин, дар интиҳои соли 2021 аз ҷониби Хазина лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" таҳия карда шуда, барои баррасӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

### 3.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз ҳадафҳои асосӣ дар фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳли ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Дар сурати доштани маълумоти дурусту кофӣ оиди ҳимоя гардидани пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои буҳронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ якуякбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маблағи шумораи аксари пасандоздоронро пурра суғурта менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Хазина тайи соли охир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи пасандозҳо, корҳои муайяне анҷом дода, қабул намудани санадҳои меъёрии дахлдор оид ба тартиби пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон дар бораи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, “Барнома оид ба интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”, нашри маводҳои таблиғотӣ, ба истифода қарор додани сомонаи нави Хазина, саҳифа дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва маркази тамос аз зумраи онҳо мебошад.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина (www.idif.tj) ва шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук) маводҳои иттилоотию таҳлилӣ, эълонҳо ва ахборотҳо саривақт нашр карда шуданд. Сомонаи Хазина, бахусус дар давраи бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор боз ҳам фаъолнок гардида, шумораи ташрифкунандагони он ба маротиб афзуд.

Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина, тағйиротҳо дар низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, оид ба

феҳристи ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, оид ба суғуртакунии пасандозҳо ва ахборот вобаста ба фаъолияти Хазина маълумот омода карда, мунтазам ва ба таври пурра дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Ҳамзамон, бо мақсади бевосита хабардор намудани пасандоздорон оид ба раванди пардохти ҷубронпулӣ, бо истифода аз хизматрасонии СМС-паёмакҳо ба зиёда аз 2300 адад рақамҳои телефони мобилии пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, аз он ҷумла ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва ҶСК “Агроинвестбонк” оид ба санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой ва бонк-агенти интихобшуда, маълумоти саривақтӣ ирсол карда шуд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ маводҳои таблиғотӣ ва эълонҳо барои телевизион, радио ва алоҳида барои нашрияҳои чопӣ таҳия карда шуд. Вобаста ба ин, дар давоми соли ҳисоботӣ 9 маротиба тавассути телевизиони давлатии “Тоҷикистон”, “Ҷаҳоннамо” ва телевизиони вилояти Суғд, 4 маротиба тавассути радиои “Имрӯз” ва радиои вилояти Суғд ва 3 маротиба тавассути рӯзномаи “Ҷумҳурият” видеоролик ва маводҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла маводи таблиғотӣ дар бораи фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳо пахш ва интишор карда шуд.

Дар ин ҷода, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ буклетҳо оид ба низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, эълонҳо ва маводҳои иттилоотӣ оид оид ба “Тартиби пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда” омода гардида, ба ташкилотҳои қарзӣ тақсим карда шуд.

Ғайр аз ин, ҷиҳати  баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умумро амалӣ карда шуд.

## Муроҷиатҳои аз тарафи шаҳрвандон ба Хазина воридгардида

Баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон самти муҳими фаъолияти Хазина ба шумор рафта, Хазина мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" тартиби қабул ва баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандонро амалӣ менамояд.

Дар соли 2021 ба Хазина дар маҷмуъ 6 769 адад арзу муроҷиатҳои шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, пасандоздорон ва намояндагони онҳо дар шакли хаттӣ, шифоҳӣ ва электронӣ ворид гардиданд.

Аксарияти дархосту муроҷиатҳои шаҳрвандон - 6376 адад тариқи шифоҳӣ ворид гардидаанд, ки он 94,2 фоизи ҳамаи муроҷиатҳои дар ин давра қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз онҳо 6110 адад (90,3%) ба зангҳои тавассути алоқаи телефонӣ қабулшуда ва 266 адад 3,9%) ба муроҷиатҳои шифоҳии тавассути қабули шаҳрвандон қабулшуда рост меоянд.

### Роҳҳои воридшавии муроҷиатҳои шаҳрвандон ба Хазина
**(манбаъ: Хазина)**




Мазмуну муҳтавои қариб ҳамаи муроҷиатҳои ба Хазина воридшуда бо масъалаҳои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашудаи ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк" вобастагӣ доштанд.

Муроҷиатҳои ба таври хаттӣ воридгардида 393 адад ё худ 5,8 фоизи шумораи умумии муроҷиатҳоро дар бар гирифта, аз онҳо тавассути қабули аризаи шаҳрвандон 352 адад (5,2%) ва тариқи почтаи электронӣ воридгардида 41 адад (0,6 %)-ро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки қисми зиёди муроҷиатҳои тавассути алоқаи телефонӣ воридгардида бо ташкил гардидани кори маркази тамоси Хазина ҷиҳати саривақт ба саволҳои шаҳрвандон ҷавоб додан алоқамандӣ дорад. Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 90 фоизи шумораи умумии муроҷиатҳои телефонӣ дар давраи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони бонкҳои муфлисшуда, яъне дар моҳҳои июн-июли соли 2021 ворид гардидаанд, ки асосан бо дархосту муроҷиатҳои шаҳрвандону пасандоздорон оиди санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта, ҷой, вақт ва бонк-агенти интихобшуда барои гирифтани ҷубронпулӣ алоқаманд мебошад.

Аз ин рӯ, баъд аз шуруъ гардидани раванди пардохти ҷубронпулӣ муроҷиатҳои тариқи маркази тамос воридгардида ба маротиб коҳиш ёфтанд. Дар навбати худ, аз ҷониби Хазина ба дархостҳои телефонии пасандоздорон, инчунин муроҷиатҳои шифоҳии шаҳрвандон ҷавобҳои муфассал дода шуд.

**Тамоюли муроҷиатҳои воридгардида тариҷи маркази тамоси Хазина** (манбаъ: Хазина)




Муроҷиатҳои бо роҳи хаттӣ воридгардида бошанд асосан бо қабул ва баррасии аризаҳои пасандоздороне, ки ному насаби онҳо дар феҳристи пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, ки ба бонк - агентҳо барои пардохти ҷубронпулии суғурта пешниҳод шуда буд дарҷ наёфтааст, инчунин бо аризаҳои аз меросхӯрони пасандоздорон қабулшуда, вобастагӣ дошт. Нисбати аризаҳои қабулшуда аз ҷониби

кормандони масъули Хазина санҷишҳои такрорӣ гузаронида шуда, қисмати зиёди онҳо ба миқдори 347 адад ҳалли худро ёфт ва тариқи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба феҳристи пасандоздорон барои пардохти ҷубронпулӣ, маблағҳои пасандоздорон пардохт карда шуд. Ҳамзамон, 5 адади аризаҳои қабулшудаи шаҳрвандон дар ҳолати баррасӣ ва иҷроиш қарор дорад.

## 3.4. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" мақоми олии идоракунии Хазина Шӯрои нозирони Хазина буда, он барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул мебошад. Шӯрои нозирон Хазина аз ҳайати зерин иборат аст:

- Раиси Бонки миллии Тоҷикистон – Раиси Шӯрои нозирон;
- Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ;
- Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
- Раиси Хазина.

Сохтори ташкилии Хазина аз Раис ва кормандони Хазина иборат аст. Раиси Хазина барои идоракунии фаъолияти ҷории Хазина ва иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирони Хазина масъул мебошад.

Ба санаи 31 декабри соли 2021 ҳайати кормандони Хазина мутобиқи ҷадвали вазифавӣ аз 9 нафар кормандони зерин иборат аст: Раис, муовини Раис, сармуҳосиб, сариқтисодчӣ, иқтисодчии пешбар, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, мутахассис оид ба кор бо ҷомеа ва ронанда. Муносибати кормандон бо Хазина дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда шудааст. Дар соли ҳисоботӣ як нафар корманд бо хоҳиши худ аз кор озод карда шуда, ба ҷои он як нафари дигар ба кор қабул карда шуд.

Дар шароити кунунӣ, бо дарназардошти ҷой доштани мушкилиҳо дар низоми бонкӣ, вазифаҳои Хазина дар таъмини суботи молиявии кишвар ва нақши он дар таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ зиёд мегардад. Бинобар ин, зиёд гардидани ваколатҳои Хазина ва иштироки он дар таъмини суботи молиявӣ, минбаъд пурзӯр намудани иқтидори Хазина, ҷорӣ намудани рукнҳои идоракунии корпоративӣ ва идоракунии хавфҳо, инчунин таҷдиди сохтори ташкилӣ, аз он ҷумла зиёд намудани ҳайати кормандони Хазинаро тақозо менамояд.

### 3.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Хазина дар соли 2021 дар доираи ташрифи ҳайатҳои расмӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ, ХБА ва БОР бо мақсади ривоҷ додани ҳамкориҳои дуҷониба ва мубодилаи афкор якчанд вохӯриҳо гузаронид. Дар рафти ин вохӯриҳо масъалаҳои дарёфти кӯмаки техникӣ ва дар ин ҷода муайян намудани самтҳои асосии ҳамкориҳо ва лоиҳаҳои имконпазир, аз он ҷумла дар самти дастгирии механизми маблағгузории касри Хазина, беҳтар намудани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ оид ба низоми суғуртаи пасандозҳо, идоракунии босамари дороиҳо ва рушди бозори коғазҳои қиматнок, баланд бардоштани сатҳи тайёрии касбӣ ва малакаи кории кормандони Хазина мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Аз ҷумла, Хазина дар доираи лоиҳаи "Барнома оид ба рушди бахши молиявӣ ва идоракунии фискалӣ" бо ҳайати намояндагони БОР тариқи фосилавӣ мулоқотҳои виртуалӣ (видеоконференсия) анҷом дод. Бояд қайд кард, ки барномаи мазкур ва лоиҳаи кӯмаки техникии пешниҳодшаванда бо мақсади дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани ислоҳот дар самти таҳкими устувории низоми молиявӣ, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва такмилдиҳии идоракунии бахши фискалӣ равона гардида, яке аз компонентҳои он бевосита бо тақвияти заминаи институтсионалии Хазина алоқаманд мебошад.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Хазина, аз ҷумла хавфи нокифоягии маблағи Хазина барои ҷуброни пули пасандоздорон ва дар ин ҷода ҷиҳати ҳалли он таҳия ва тасвиби Созишномаи кулли қарзӣ байни Хазина ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, васеъ намудани сатҳи фарогирӣ ва андозаи суғуртакунии пасандоздорон, такмили сиёсати сармоягузорӣ ва сохтори амалиётии Хазина мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Инчунин, дар ҷараёни вохӯрӣ бо ҳайати намояндагони ХБА масъалаҳои вобаста ба фаъолияти Хазина ва омодагии он ба раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии муфлисшудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", инчунин масъалаҳои раванди барҳамдиҳии

ташкилотҳои қарзӣ, камбудиҳо ва хавфҳои дар ин ҷода мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Бояд қайд кард, ки дар натиҷаи барҳамдиҳии бонкҳои муфлисшудаи ҶСК "Агроинвестбонк" ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" дороиҳои Хазина ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Бо назардошти ин, дар давоми соли 2021 Хазина бо мақсади барқарор намудани захираҳои молиявии худ бо Бонки Ҷаҳонӣ фаъолона ҳамкорӣ намуд. Аз ҷумла, дар семоҳаи охири соли ҳисоботӣ миссияи идентификатсионии Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи ба нақша гирифташудаи "Рушди бахши молиявӣ ва хусусӣ (гранти МАР)" дар Хазина ҳузур дошт, ки дар рафти он ҷузъиёти лоиҳаи мазкур мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуд.

Бахусус, дар доираи он ворид намудани тағйиротҳои иловагӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» дар робита ба баланд бардоштани сатҳ ва миқёси фарогирии суғуртаи пасандозҳо ва пасандоздорон пешбинӣ мегардад. Илова бар ин, лоиҳаи кӯмаки техникии мазкур, ки дар ниҳоят аз ҷониби Шӯрои директорони Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ бояд тасдиқ карда шавад, элементи грантии сармоягузорӣ барои барқарор кардани эътимоди пасандоздорон ва маблағгузории Хазина, инчунин дастгирӣ дар самти харид ва татбиқи низоми автматикунонидашудаи таҳияи феҳристи пасандозҳои суғурташуда, беҳгардонии раванди огоҳонӣ ва маълумотдиҳӣ ба ҷомеа, инчунин масъалаҳои баланд бардоштани савияи дониши кормандони Хазинаро низ пешбинӣ менамояд.

Хазина дар соли ҳисоботӣ бо кишварҳои узви Кумитаи минтақавии Авросиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) низ ҳамкориҳои судмандро идома дода, якчанд маротиба дар чорабиниҳои фосилавӣ ва гузаронидани пурсишномаҳои дахлдор иштироки худро таъмин намуд.

Хазина дар Кумитаи мазкур ба сифати мушоҳид фаъолият намуда, иштирок дар ҷаласаҳои он имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба суғуртакунии пасандозҳо, самаранок ва устувор намудани низоми миллии суғуртакунии пасандозҳо, инчунин рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ байни ташкилотҳои суғуртакунии пасандозҳо ривоҷ ёбад.

## 4. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

Дар соли 2021 вобаста ба иҷрои ҳадафу вазифаҳои қонунии худ дар самти ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои қонунии пасандоздорон қисми зиёди маблағҳои Хазина барои иҷрои уҳдадориҳои суғуртавӣ равона карда шуда, дар натиҷа дороиҳои Хазина ба маротиб коҳиш ёфтанд.

Тибқи ҳисоботҳои тавозунӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2021 маблағи (дороиҳои) умумии Хазина 134,3 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 175,6 млн. сомонӣ кам гардид. Сабаби коҳишёбии маблағҳои Хазина асосан бо пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорони бонкҳои барҳамдодашуда, алалхусус ҶСК “Агроинвестбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” вобастагӣ дорад. Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ аз ҷониби Хазина маблағи 193,8 млн. сомонӣ барои пардохти ҷубронпулии суғуртавӣ равона карда шуд.

Ҳамзамон, уҳдадории Хазина 14,8 млн. сомониро ташкил дод, ки он асосан аз уҳдадорӣ вобаста ба интиқоли транши сеюми маблағи ҷубронпулӣ ба бонк-агенти Хазина ҷиҳати пардохти ҷубронпулӣ иборат аст[11].

Ҳамин тариқ ба санаи 31.12.2021 дороии софи (сармояи) Хазина маблағи 119,5 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли гузашта 61,4 фоиз ё худ 190,4 млн. сомонӣ кам мебошад.

Тибқи тағйиру иловаҳои ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ” воридшуда (ҚҶТ аз 3.08.2018., таҳти №1551), ташкилотҳои қарзӣ пардохтҳои тақвимиро аз рӯи уҳдадориҳои худ вобаста ба асъор - бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд. Вобаста ба ин, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки ворид гардидани тағйиру иловаҳои мазкур айни муддао буд ва он ҳамчун омили мусбӣ имконият медиҳад, ки минбаъд таносуби кифоятии маблағҳои Хазина нисбат ба афзоиши

[11] *Тибқи созишномаи бо бонк-агентҳо басташаванда маблаги ҷубронпулӣ аз тарафи Хазина ба бонк-агент қисм ба қисм бо мурури пардохти пурраи маблаги қаблан додашуда, интиқол дода мешавад.*

уҳдадориҳои суғуртавии бо асъор ифодаёфтаи Хазина, вобаста ба хавфи асъорӣ дуруст идора карда шавад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз маблағи умумии Хазина 90,6 млн. сомонӣ ё худ 67,4 фоиз ба пули миллӣ ва 43,7 млн. сомонӣ ё худ 32,6 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд.

**Маблағи Хазина ба ҳолати 31 декабр, бо млн. сомонӣ**
**(манбаъ: Хазина)**




Суръати афзоиши солонаи маблағи Хазина дар ин давра раванди манфӣ дошта, коҳишёбии он дар таърихи Хазина нишондиҳандаи зиёдтарини -56,7 фоизро нишон дод.

Андозаи ниҳоии маблағи Хазина[12] бошад, ки таносуби маблағи Хазинаро нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеии ташкилотҳои қарзӣ инъикос менамояд, 2,5 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли қаблӣ зиёда аз ду маротиба кам шуд. Раванди коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои мазкур дар соли 2021, асосан тавре қайд гардид бо пардохти ҷубронпулии суғурта вобастагӣ дорад.

[12] *Андозаи ниҳоӣ тибқи Қонун дар ҳаҷми 7,0 фоизи бақияи умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд аст, муқаррар карда шудааст.*

**Суръати афзоиши дороиҳои Хазина, бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




**Андозаи ниҳоии маблағи Хазина, бо фоиз**
(манбаъ: Хазина)




Хазина фаъолияти молиявии худро дар соли 2021 бо зарар ба маблағи -1 932,6 ҳаз. сомонӣ ҷамъбаст намуд, ки дар соли 2020 фоидаи софи Хазина 4 026,4 ҳаз. сомониро ташкил дода буд.

**Даромади софи Хазина, бо ҳаз. сомонӣ** (манбаъ: Хазина)




Аз ҷумла, дар соли ҳисоботӣ даромади умумии Хазина 1 107,3 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки аз он даромади фоизӣ ба маблағи 957,5 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ба даст оварда шудааст. Даромади дигари Хазина, ки аз ҳисоби ноустуворонаи пардохткардаи

ташкилотҳои қарзӣ ба даст оварда шудааст, маблағи 158,4 ҳаз. сомониро ташкил дод. Ҳамзамон, дар соли ҳисоботӣ аз ҳисоби азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ зарар ба маблағи 8,6 ҳаз.сомонӣ ба вуҷуд омад.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина дар соли 2021 мутобиқи харҷномаи аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқшуда амалӣ карда шуд. Хароҷотҳои умумии Хазина дар соли ҳисоботӣ 3 039,9 ҳаз. сомониро ташкил дод (1 218,3 ҳаз. сомонӣ дар соли қаблӣ), ки 51,1 фоизи он ба хароҷоти пардохти ҳаққи хизматрасонии бонк-агентҳо барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба бонкҳои барҳамдодашуда рост меояд. Бе дарназардошти ин, харҷномаи Хазина аз рӯи дигар қисматҳои он дар доираи 89,4 фоизи хароҷотҳои дар соли 2021 ба нақша гирифташуда ҷамъбаст гардидааст.

Санҷиши фаъолияти молиявии Хазина барои соли 2021 аз тарафи ширкати аудитории ҶДММ “Консултант аудит” гузаронида шуд. Тибқи хулосаи ширкати аудиторӣ фаъолияти молиявии Хазина дар соли 2021 қаноатбахш баҳо дода шуда, харҷномаи Хазина, ки аз тарафи Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ гардида буд, риоя карда шудааст.

# ЗАМИМАҲО

**Замимаи №1**

## ТАВОЗУНИ МУҲОСИБАВӢ
**ба ҳолати 31 декабри соли 2021 (бо сомонӣ)**

| | 31.12.2021 | 31.12.2020 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 84 238 275 | 184 916 277 |
| Дороиҳои молиявӣ то муҳлати пардохт | 49 875 187 | 124 687 968 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 78 179 | 231 521 |
| Воситаҳои асосӣ | 78 651 | 73 605 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 20 732 | 23 036 |
| Дигар дороиҳо | 4 597 | 6 895 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **134 295 621** | **309 939 303** |
| | | |
| **УҲДАДОРИҲО** | | |
| Уҳдадорӣ аз рӯи ҷубронпулии суғурта | 14 674 048 | 0 |
| Дигар уҳдадориҳо | 88 089 | 31 634 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **14 762 137** | **31 634** |
| | | |
| **САРМОЯ** | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 2 000 286 | 1 970 286 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 114 849 175 | 303 243 195 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | 2 093 791 | 4 103 956 |
| **Ҷамъ сармоя** | **119 533 484** | **309 907 669** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **134 295 621** | **309 939 303** |

**Замимаи №2**

# ҲИСОБОТИ МАҶМӮИИ ФОИДА ВА ЗАРАР
## ба ҳолати 31 декабри соли 2021 (бо сомонӣ)

| | 31.12.2021 | 31.12.2020 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ ва дисконт аз коғазҳои қиматнок то муҳлати пардохт | 957 492 | 1 524 360 |
| Дигар даромадҳо | 158 434 | 12 269 |
| **Ҷамъ даромадҳо** | **1 115 926** | **1 536 629** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 3 039 902 | 1 218 306 |
| Даромад (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | (8 669) | 3 708 113 |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | **(1 932 645)** | **4 026 436** |
| Андоз аз фоида | - | - |
| **Фоида (зарар)-и соф** | **(1 932 645)** | **4 026 436** |

**Замимаи №3**

## ҲИСОБОТИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
### ба ҳолати 31 декабри соли 2021 (бо сомонӣ)

| | 31.12.2021 | 31.12.2020 |
|---|---|---|
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | |
| Пардохти ҳаққи узвият | 30 000 | 0 |
| Пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 19 835 110 | 16 240 454 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда аз барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ | 211 583 | 180 000 |
| Дигар даромадҳо (ноустуворона) | 158 434 | 12 269 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (1 414 768) | (1 199 298) |
| Пардохти комиссия ба бонк-агентҳо | (1 552 510) | (472) |
| Пардохти боҷи давлатӣ | 0 | 0 |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (193 844 207) | (56 300) |
| Пешпардохти ҷубронпулии суғурта | 0 | (2 675) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | 2 696 | 27 891 |
| Бозгашти комиссия аз бонк-агент | 0 | 279 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **(176 573 661)** | **15 202 148** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Хариди амвол ва таҷҳизот | (19 286) | (17 140) |
| Харидории таҷҳизотҳои корӣ | 0 | (150) |
| Харидории дориҳои ғайримоддӣ | 0 | (13 050) |
| Даромад аз фурӯши моликият ва таҷҳизотҳо | 0 | 0 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 1 110 833 | 1 422 864 |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (369 076 386) | (573 564 654) |
| Бозгашти воситаҳои пулии ба коғазҳои қиматнок сармоягузоришуда | 443 889 167 | 568 577 136 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **75 904 328** | **(3 594 994)** |
| **Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | |
| Барориши саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| Суди саҳмияҳои оддӣ | 0 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **0** | **0** |
| **Тағйирёбии қурби асъор** | **(8 669)** | **3 708 112** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **(100 678 002)** | **15 315 266** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **184 916 278** | **169 601 012** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охир сол** | **84 238 275** | **184 916 278** |

**Замимаи №4**

## ҲИСОБОТИ ОИД БА ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ
### ба ҳолати 31 декабри соли 2021 (сомонӣ)

| | Сармояи саҳҳомии пардохтшуда | Фоида/ зарари тақсим-нашуда | Сармояи изофа | Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба санаи 31.12.2020** | **590 232** | **4 103 956** | **1 970 286** | **303 243 195** | **309 907 669** |
| **Фоидаи (зиён) софи давраи ҳисоботӣ** | **-** | **(1 932 644)** | **-** | **-** | **(1 932 644)** |
| Зиёдшавии сармояи изофа | - | - | 30 000 | - | 30 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | - | - | - | 19 835 110 | 19 835 110 |
| Тасҳеҳи фоида (зиён) | - | (77 520) | - | 77 520 | - |
| Истифодаи захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда (ҷубронпулӣ) | - | - | - | (208 520 930) | (208 520 930) |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтшуда | - | - | - | 211 583 | 211 583 |
| Бозгашти ҷубронпулии пардохтнашуда аз бонк-агент | - | - | - | 2 696 | 2 696 |
| **Бақия ба санаи 31.12.2021** | **590 232** | **2 093 793** | **2 000 286** | **114 849 174** | **119 533 485** |

**Замимаи №5**

## ФЕҲРИСТИ
## ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2021

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома № | Суроғаи ташкилоти қарзӣ |
|---|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | | |
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | 002 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 95/1 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 006 | ш. Хуҷанд, к. Гагарина, 135 |
| 3 | ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 007 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 105 |
| 4 | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 010 | ш. Душанбе, к. Пушкин, 20 |
| 5 | ҶСП "Халиқ Бонк Тоҷикистон" | 011 | ш. Душанбе. к. Айнӣ, 24 "а" |
| 6 | ҶСП "Спитамен Бонк" | 013 | ш. Душанбе, к. Шамсӣ 4 |
| 7 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 | ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомони 1А |
| 8 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 | ш. Душанбе, к. Бухоро 27 |
| 9 | ҶСК "Алиф Бонк" | 056 | ш. Душанбе, к. Ф.Ниёзӣ 51 |
| 10 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 | ш. Душанбе, н. Сино к. Ҷ. Расулов 10 |
| 11 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 88 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | | |
| 12 | ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | 016 | ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 172/2. ҳ..29 |
| 13 | ҶДММ ТАҚХ "Тамвил" | 019 | ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ 127 |
| 14 | ҶДММ ТАҚХ "Фазо С" | 020 | ш. Душанбе, к.Деҳи боло 180 |
| 15 | ҶДММ ТАҚХ "Финка" | 022 | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 9 |
| 16 | ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" | 023 | ш. Душанбе, к.М.Турсунзода, 3/1 |
| 17 | ҶДММ ТАҚХ "Матин" | 026 | ш. Хуҷанд, к. Шарқ 84 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | 027 | ш. Душанбе, к. Фотеҳ Ниёзӣ 36 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити" | 030 | ш. Душанбе, к. Соҳилӣ 5 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ "Сомон-Тиҷорат" | 038 | ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев, 58 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ-Молия" | 041 | ш. Хуҷанд, к. Ленин 203 Б |
| 22 | ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" | 044 | ш. Хуҷанд, мик-р. 17, иншооти 2 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 | ш. Душанбе, к. Айни 7 |
| 24 | ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" | 046 | ш. Душанбе, к. Н. Карабоев 148/1 |
| 25 | ҶДММ ТАҚХ "Сарват М" | 049 | ш. Душанбе, к. Советӣ, 18 |
| 26 | ҶДММ ТАҚХ "Рушди Ориён" | 054 | ш. Панҷакент, хиёбони Рудакӣ 14 |
| 27 | ҶСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 | ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 22 |
| 28 | ҶДММ ТАҚХ "Васл" | 061 | ш. Душанбе, к. Зебунисо 1 |
| 29 | ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | 062 | ш. Душанбе, к. Деҳи боло 180 |

## НИЗОМИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕЙ ЧИСТ?

**Низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ** маҷмӯи чораҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошад.

Ҳадафи низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ таъмини суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мебошад.

Асосҳои фаъолияти низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" танзим карда мешавад.

Бо мақсади таъмини самаранокии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ **Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ** (минбаъд - Хазина) фаъолият менамояд. Хазина пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ пардохт менамояд, феҳристи ташкилотҳои қарзӣ–узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро пеш мебарад, баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии пардохтҳоро аз ташкилотҳои қарзӣ амалӣ менамояд.

### МАҚСАДҲОИ ХАЗИНА ИНҲОЯНД:

- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта;
- таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ҲОЛАТИ СУҒУРТАВӢ ЧИСТ?

Ҳолати суғуртавӣ – барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

## ҶУБРОНИ ПУЛИ СУҒУРТА БА ПАСАНДОЗДОРОН

Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ, мутобиқи Қонун, андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳо зерин мебошад:

- бо пули миллӣ на зиёда аз **500 (панҷсад)** нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- бо асъори хориҷӣ на зиёда аз **350 (сесаду панҷоҳ)** нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

## ОЁ ФОИЗИ ПАСАНДОЗҲО ҶУБРОН МЕШАВАД?

Фоизи пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешавад. Агар тибқи шартномаи пасандозӣ сармоякунонии фоизи пасандоз пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯи маблағи бақияи пасандоз пардохт карда мешавад.

## ҶУБРОНПУЛИИ СУҒУРТА БО КАДОМ АСЪОР ПАРДОХТ КАРДА МЕШАВАД?

Пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд. Пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.

## МАСЪЛИҲАТИ МУФИД БА ПАСАНДОЗДОРОН

Боварӣ ҳосил намоед, ки ташкилоти қарзӣ, ки дар он Шумо мехоҳед маблағи худро ба пасандоз гузоред (суратҳисоби пасандозӣ кушоед), узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ мебошад (феҳристи ташкилотҳои қарзии узви низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар сомонаи Хазина оварда шудааст).

Бо диққат дурустии ворид намудани маълумоти ному насаб, санаи таваллуд, мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, РМА, суроғаи зист ва рақами телефонии Шуморо дар шартномаи пасандозӣ санҷида бароед.

Ҳамеша ба ташкилоти қарзӣ дар бораи иваз намудани маълумоти шахсӣ хабар диҳед, то ин ки Шуморо оид ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ саривақт хабардор карда шавад.

Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи кушодани суратҳисоби пасандозӣ ва воридкунии маблағ ба онро нигоҳ доред (шартномаи пасандози бонкӣ, расиди хазинавӣ, чекҳо, иқтибосҳо), то ин ки ҳангоми муайян намудани андозаи ҷубронпулӣ ихтилофот ба миён наояд.